*Ба Шурои диссертатсионии* 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи (славяниии) Россия ва Тоҷикистон *(734025, ш. Душанбе,* кучаи Мирзо Турсунзода 30*)*
*E-mail:* rajabova@rambler.ru

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи “Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроквори̇)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисоди̇ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимои̇-иқтисоди̇ пешниҳод гардидааст.**

Идоракунии рушди устувори инноватсиони̇ дар муҳити иқтисодии ҳар як корхонаҳои саноати хӯроквори̇ сиёсати идоракуни̇, таҳия ва татбиқи стратегияи идоракунии инноватсиони̇ ва қабули қарорҳои роҳбарияти корхонаро тақозо мекунад. Мушкилоти асосие, ки дар низоми идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквории кишвар муайян шудааст, ин натиҷаи кам будани таҷрибаи идоракуни̇, дар сатҳи нокифоя такмил додани низоми идоракунии инноватсиони̇ ва баъзе аз омилҳои таъсиррасонии беруна мебошад. Зеро давлатҳои тараққикарда аз лиҳози рушди инноватсионии корхонаҳои саноати̇ солҳои охир бениҳоят рушд карда истодаанд, ки таъсири онҳо ба мамлакати мо низ мерасад.

Бинобар ин, муваффақияти ҳар як корхонаҳои саноати̇ дар баробари идоракунии инноватсиони̇ дар шароити муосир аз сиёсати идоракунии инноватсиони̇ ва аз омӯзиши таҷрибаҳои давлатҳои пешқадам алоқамандии зич дорад. Аз ин хотир, корхонаҳои саноати̇, аз ҷумла саноати хӯроквори̇ барои баланд бардоштани сифати идоракунии инноватсиони̇ бояд аз сиёсати идоракунии инноватсионии худ ва таҷрибаҳои давлатҳои тараққиёфта амали̇ намоянд.

Таҳқиқоти илмии Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи “Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроквори̇)” ба талаботи стратегияи милли̇ ва барномаҳои инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквори̇ бо самаранокии идоракунии захираҳо, истифодаи воситаҳо дар самти идоракунии инноватсиони̇, танзимномаи̇, риояи қонуну қоидаҳою дастурамалҳо алоқаманди̇ дорад.

Аз ҷониби унвонҷӯ асосҳои назариявии инноватсиони̇, методологи̇, заминаҳои институтсионалии ташаккули инноватсия ва идоракунии инноватсионию принсипҳои он дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди барраси̇ қарор дода шудаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки низоми идоракунии инноватсиони̇ бе ҷори̇ намудани методологияю принсипҳои идоракунии инноватсиони̇, ки ҳар як принсипҳо ба пурраги̇ хуб шарҳ дода шудааст, инчунин бе таъсири асосҳои институтсионалии муосир ғайриимкон мебошад.

Ҳамзамон, унвонҷӯ унсурҳои асосии устувори фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквори̇ дар расми 1 хуб нишон дода, татбиқи онро дар

корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҳамчун фаъолияти самарабахши низоми инноватсионӣ пешниҳод намудааст.

Вобаста ба вазъи муосири рушди инноватсионии саноати хӯрокворecho Ҷумҳурии Тоҷикистон” муаллиф таҳлилҳо гузаронида, нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ, омилҳо ва механизмҳои таъсиррасон ва арзёбии идоракунии фаъолияти инноватсионии саноати хӯрокворӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин қисмат унвонҷӯ бисёр ба маврид қайд намудааст, ки баъзе аз нишондиҳандаҳои омории соҳаи саноати хӯрокворӣ эътимоднок нестанд. Ҳамзамон, муаллиф идоракунии нокифояи инноватсиониро аз омилҳои берунӣ ва истифодаи баъзе аз нокифоягии механизмҳо шарҳ дода, дар ин баробар, чандин омилҳои рушди устувор ва механизмҳои таъсиррасонро пешниҳод намудааст.

Муаллиф дар автореферат қайд менамояд, ки истеҳсоли маҳсулоти хӯрокврии ватанӣ талаботи бозори имрӯзаро қонеъ нагардонида, рақобатпазириро миёни дигар корхонаҳои истеҳсолии хориҷӣ ба вуҷуд намеорад. Аз руйи таҳлили унвонҷӯ шумораи корхонаҳои саноатӣ соли 2022 нисбат ба соли 2015 79,4 % афзоиш ёфтааст, кин шумора хеле кам мебошад. Аз ин рӯ, бояд ба зиёдшавии шумораи корхонаҳои саноатӣ ва афзоиши сифатии истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ диққати махсус дода шавад.

Носирзода Ҳусейн дар автореферат роҳу самтҳои такмили низоми идоракунии рушди инноватсионӣ, идоракунии инноватсионии саноати хӯрокворӣ дар асоси платформаи рақамӣ ва таҳияи модели таъмини идоракунии рушди устуовори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мавриди омӯзиш қарор дода, пешниҳодҳои муфассал кардааст.

Дар автореферат қайд мешавад, ки дар шароити баланд гардидани талабот ба рақамикунонии иқтисодиёт, роҳҳои такмил додани низоми идоракунии инноватсионӣ, кам кардани хавфҳои инноватсионӣ дар шароити имрӯза, роҳҳои таъмини идоракунии устувори инноватсионӣ ва истифодаи самараноки идоракунӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба миён омадааст. Ҳамзамон, дар ин қисмат ба таври биниши стратегӣ нахуст мушкилоти соҳаи хӯрокворӣ, баъдан роҳҳои ҳалли онҳо ва тадбирҳо барои такмили идоракунии рушди инноватсионии саноати хӯрокворӣ коркард ва пешниҳод шудааст.

Муаллиф бисёр ба маврид ва сари вақт доир ба самтҳои такмили идоракунии инноватсионии саноати хӯрокворӣ, низоми инноватсионӣ, сиёсати идоракунии он ва муайян намудани хавфҳои инноватсионӣ пешниҳодҳо намудааст, ки боиси дастгирӣ мебошад.

Бовуҷуди муваффақияту комёбиҳои таҳқиқотии унвонҷӯ, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо арзиши баланди таҳқиқотро коста намегардонад. Ҳамзамон, бо ислоҳи ин норасоӣ ва камбудиҳои мазкур моҳияти амалию методологии автореферат беҳтар мешавад:

1. Дар атореферат унвонҷӯ ба асосҳои назариявии инноватсионӣ ва рушди устувори инноватсия аҳаммияти бештар додааст, аммо аз омӯзиши таҷрибаҳои хориҷӣ, ки ба хусусиятҳои инноватсионии миллии кишвари мо рост меоянд дар автореферат аҳаммият надодааст.

2. Муаллиф дар автореферат се сатҳи рушдёбиро дарҷ кардааст, аммо ҳар яки онҳо возеътар накушодааст, хуб мешуд сатҳои номбаршударо ба пуррагӣ шарҳу тавзеҳ медод, ба мақсад мувофиқ мебуд.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои зикргардида ба мазмуну муҳтавои автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва дараҷаи илмии онро коста намекунанд.

Кори илмӣ-таҳқиқотии Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи “Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроквории)” дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи КОА-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотенти кафедраи менеҷмент**
**ва маркетинги Донишгоҳи**
**давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Мирзоалиев А.А.**

**Имзои Мирзоалиев А.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсус** **Пиризода С.С.**

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½. Телефон: (+992) 934444145 E-mail: menejment_08@mail.ru.